**Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (минбаъд ПТ ДДМИТ) фаъолияти худро соли 2011 шуруъ намуда, бо қарори Шӯрои олимони ДМИТ суратҷаласаи №10/6.1 аз 30 апрели соли 2018 "Оиннома"-и ПТ ДДМИТ аз нав тасдиқ карда шудааст. ПТ дорои "Иҷозатнома"-и Вазорати маориф ва илм (барои фаъолияти минбаъда ба муҳлати 5 сол, Шаҳодатномаи силсилаи АУ №0001756 аз 16 декабри соли 2014) буда, 28 январи соли 2015 ПТ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз (РЯМ 0410027090 ва РМА 040047737) гардидааст. Парки технологӣ дар робита бо табдил ёфтани мақоми муассис ба Муассисаи таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, такроран моҳи майи соли ҷорӣ (2018) аз қайди мақомотҳои дахлдор гузашта, дар нозироти андози ноҳияи Сино-и ш.Душанбе ҳамчун андозсупор ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Айни замон ҳайати кормандони доимии ПТ ДДМИТ аз инҳо иборат мебошанд: директор, сармуҳосиб (ба тариқи шартномавӣ), сармутахассиси матбаа, мутахассиси баннер (ба тариқи шартномавӣ). Берун аз ин, ПТ ҳамасола барои ба роҳ мондани фаъолият бо устодон ё корманди ДДМИТ шартнома баста, тибқи қарордоди меҳнатӣ фаъолият мебарад ва ба онҳо музди меҳнат пардохт менамояд. ПТ ДДМИТ ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба навоварию ихтироъкорӣ як қатор корҳоро дар ин самт ба сомон расонидааст. Дастпарварони ПТ дар як қатор озмунҳо ва чорабиниҳои дохили донишгоҳӣ ва сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда ҷойҳои намоёнро ишғол намудаанд.

Бо ибтикори раёсати Донишгоҳ махсус барои Парк бинои дуошёнаи хушсохти замонавӣ сохта шудааст. Илова бар ин, дар Парк матбааи хурд фаъолият мекунад, ки дорои таҷҳизоти лозима ҷиҳати таъмини раванди таълим, тарбия ва илм бо маводи чопӣ, коргузорӣ интишороти зарурӣ мебошад. Илова бар ин, барои сехи дӯзандагии назди ПТ тавассути барномаи грантии "Ташаккули тафаккури соҳибкории донишҷӯдухтарон дар асоси баланд бардоштани сифати таълим ва зисти онҳо дар хобгоҳи муассисаи олӣ", ки бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон роҳандозӣ мегардад, истифода намуда, мошинаҳои дарздӯзӣ ва мизу курсии лозима дарёфт намудем. Ҳамзамон, Парк дар ихтиёри худ дастгоҳи чопи шиору овезаҳо (баннер) дорад, ки дар таҳхонаи бинои асосӣ ҷойгир мебошад. Бар замми ин, ПТ се сечархаи электрикии болопӯшдори замонавӣ дорад, ки бо қувваи барқи захирашуда кор мекунад ва илова ба ронанда боз ду нафари дигарро гирифта метавонад.

Вобаста ба самти корҳои нашриётӣ дар ПТ ҳамарӯза чунин корҳо ба сомон мерасанд: тарроҳӣ, ба чоп омодасозӣ ва чопи маводи коргузорие, ки барои фаъолияти муназзами ҳамарӯзаи таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ супориш карда мешаванд; тарроҳӣ, саҳифабандӣ, чопи нусхаи интиқодӣ, ба чоп омодасозӣ ва чопи минбаъдаи маводи илмӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, варақаҳои лозима, маводи коргузорӣ ва анвои маводи чопии мавриди ниёзи Донишгоҳ, ки вобаста аз ҳаҷм ва намуди маводҳои супоришгардида равандҳои гуногунро аз қабили чоп, дастабандӣ, бурриши аввала, чоп ва бурриши муқова, ширеш, бурриши ниҳоӣ дар бар мегирад.

Вобаста ба коргоҳи дӯзандагӣ чунин корҳо анҷом дода шуданд: Барои иҷрои дастури вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2020, №05/5-2147 ҷиҳати "дар заминаи Парки технологии ДДМИТ ба роҳ мондани истеҳсоли ниқобҳои тиббӣ (маска) ва хилъатҳои тиббӣ" бо истифода аз имкониятҳои барномаи грантӣ ва бо ҷалби кормандону донишҷӯдухтарони бомаҳорати Донишгоҳ дар назди Парки технологӣ сехи дӯзандагӣ кушода,

масолеҳи лозимаро дастрас намуда, сар аз 25 апрел ба истеҳсоли ниқобҳои хушсифати тиббӣ барои ҳимоя аз бемориҳои сироятӣ оғоз карда шуд. Пеш аз ҳама, дар даромадгоҳи асосии Донишгоҳ таъмини воридшавандагон бо ниқобҳо ба роҳ монда шуд. Аз миқдори умумии ниқобҳои дӯхташуда 300 адад ба Вазорати маориф ва илм, 300 адад ба Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ дар шаҳри Душанбе, 300 адад ба Вазорати молия, 500 адад ба бемористони "Истиқлол" ҳамчун кӯмак фиристода шуд. Як миқдори ниқобҳои тиббии дӯхташуда ба донишҷӯдухтарон ҳамчун ҳавасмандӣ пардохт карда шуда, инчунин, аз ҳисоби матоъҳои харидашуда, онҳо барои хонаҳояшон ба миқдори кофӣ ниқобҳо дӯхтанд.